АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: 01-3@ahd.tj; info07-@ahd.tj


№02-1052 аз «28» июня соли 2018

Ба №__________ аз «____» ________________ соли 20__

Ба Нуъбӣ Б.Д.
Ба Исломов Р.Р.
Ба Азизова Ф.Н.
Барои ҷойгир намудан дар сомонаи АХД
Давлатзода
28.06.18

Мақомоти давлатӣ,
Ташкилотҳо

Мавзӯъ: Пешниҳоди лоиҳа барои баррасӣ

Аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия гардида, он мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 31 майи соли 2018, №02-890 барои баррасӣ ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол карда шудааст.

Дар як вақт лоиҳаи мазкур бо забонҳои тоҷикию русӣ ва асосноккунии он дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ (www.ahd.tj) ҷойгир карда шудааст, ки мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандон метавонанд хулосаи худро ба Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод намоянд.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
[signature]

АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003. шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33. тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj. почтаи электронӣ: 01-3@ahd.tj; info07-@ahd.tj

№ 02-890 аз «31» май соли 2018

Ба №_________ аз «____» ______________ соли 20__

Вазорату идораҳо, мақомоти
иҷроияи маҳаллии ҳокимияти
давлатӣ (тибқи руйхат)

Мавзӯъ: Пешниҳоди лоиҳа барои мувофиқа

Бо арзи эҳтиром иттилоъ медиҳем, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия гардида, он мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» барои баррасӣ ба Шумо ирсол карда мешавад.

Хоҳишмандем, баррасӣ ва хулосаи худро дар мӯҳлатҳои муқаррааргардида пешниҳод намоед.

Замима: Лоиҳа бо забонҳои тоҷикию русӣ ва асосноккунии он дар 8 саҳифа.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ Ҷ.Давлатов

Иҷрокунанда: Толибов Р.Ғ.
Тел: 224-08-79

## АСОСНОККУНИИ

лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

Лоиҳаи мазкур аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини якхелаи ба хизмати давлатӣ қабул намудан ва дар хизмати давлатӣ будани шаҳрвандоне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, маҳкум шудаанд (суд шудаанд), доғи судӣ доранд ё доғи судиашон бардошта шудааст (барҳам хӯрдааст) таҳия карда шудааст.

Омӯзиш нишон дод, ки масъалаи мазкур дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври гуногун пешбинӣ гардида, ҳангоми ба хизмати давлатӣ қабул намудани шаҳрвандон ва дар хизмати давлатӣ будани хизматчиёни давлатӣ баъзе мушкилотро ба миён овардааст.

Аз ҷумла, дар моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», ки қонунҳои байнисоҳавӣ мебошанд, ҳолати доштани доғи судӣ ба сифати монеа барои дохил шудан ба хизмати давлатӣ ва будан дар хизмати давлатӣ муқаррар шудааст.

Вале дар қонунгузории соҳавӣ масъалаи мазкур ба таври мухталиф пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла, мувофиқи сархати дуюм ва сеюми қисми дуюми моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» ба мансаби нотариуси давлатӣ шахсоне, ки қаблан барои содир намудани ҷинояти қасдона маҳкум шудаанд ва шахсоне, ки фаъолияташон бо сабаби иҷро накардани вазифаҳои хизматӣ ё содир намудани кирдори бадномкунанда қатъ карда шудааст, таъин карда намешаванд.

Мувофиқи сархати сеюми қисми сеюми моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» шаҳрвандоне, ки ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнини қасдона содир кардаанд, қатъи назар аз гузаштани мӯҳлат ва бардошта шудани доғи судӣ ҳуқуқи ба вакили ҷамоат номзад шуданро надоранд, яъне чунин шахсон ҳуқуқ надоранд инчунин дар мансабҳои роҳбарикунандаи ҷамоат интихоб шаванд.

Мувофиқи талаботи қисми сеюми моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба хизмат шаҳрвандоне, ки доғи судӣ доштанд ё доранд, ба истиснои онҳое, ки аз тарафи суд сафед карда шудаанд, қабул карда намешаванд.

Мувофиқи Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 2011, №153 тасдиқ гардида, аз 26 сентябри соли 2011, №436 «а» дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, ҳангоми қабул ва таъин ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ, аз ҷумла дар ҳайати роҳбарикунанда доштани одобу ахлоқи шоиста ба инобат гирифта мешавад.



Мувофиқи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2015, №591 тасдиқ гардидааст, зери таъсири манфиатҳои шахсӣ, молумулкӣ (молиявӣ), тиҷоратӣ ва дигар манфиатҳо ва ҳаракатҳои ғаразнок мондани хизматчии давлатӣ вайроншавии одобу ахлоқ дониста шудааст.

Мувофиқи қисми даҳуми моддаи 53 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» шахсоне, ки барои ҷиноят маҳкум шудаанд, ба истиснои шахсони аз ҷониби судҳо сафедкардашуда наметавонанд ба вазифаи прокурор, ёрдамчии прокурор ва муфаттиши прокуратура таъин карда шаванд.

Мувофиқи қисми ҳафтуми моддаи 483 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандоне, ки доғи судӣ доштанд ё доранд (сарфи назар аз мӯҳлати адои ҷазои таъиншуда, озод кардан аз адои минбаъдаи ҷазо, қабул ва татбиқи санади авф, ба истиснои онҳое, ки аз тарафи суд сафед карда ё бегуноҳ дониста шудаанд), ба мақомоти гумрук ба кор қабул карда намешаванд.

Мувофиқи қисми сеюми моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ба хизмати системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ шаҳрвандоне, ки доғи судӣ доранд ё доштанд, қабул карда намешаванд, ба истиснои онҳое, ки аз ҷониби суд сафед карда ё бегуноҳ дониста шудаанд.

Мувофиқи қисми сеюми моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ба хизмати милитсия шаҳрвандоне, ки доғи судӣ доштанд ё доранд (сарфи назар аз мӯҳлати адои ҷазои таъиншуда, озод кардан аз адои минбаъдаи ҷазо, қабул ва татбиқи санади авф, ба истиснои онҳое, ки аз тарафи суд сафед карда ё бегуноҳ дониста шудаанд), қабул карда намешаванд.

Мувофиқи сархати сеюми қисми сеюми моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ҳолати доғи судӣ доштани шаҳрванд (аз он ҷумла, бо санади авф бардошташуда, барҳам додашуда ё озодшуда) монеа бо тартиби ихтиёрӣ ба хизмати ҳарбӣ дохил шудан ё дар хизмати ҳарбӣ будан мебошад.

Мувофиқи сархатҳои ҳабдаҳум ва ҳаждаҳуми қисми якуми моддаи 42 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби корманде, ки бо дороиҳои пулию молӣ бевосита кор мекунад, содир намудани кирдори зиддиҳуқуқие, ки барои нисбат ба ӯ гум шудани боварии корфармо асос мегардад ва нисбати корманде, ки вазифаҳои тарбиявиро иҷро менамояд, содир кардани рафтори бадахлоқона, ки барои давом додани кор мувофиқ намебошад, корфармо метавонад бо ташаббуси худ шартномаи меҳнатиро нисбати ин шахс бекор намояд.

Мувофиқи сархати чоруми қисми якуми моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд оид ба гунаҳгор донистани адвокат дар содир кардани ҷиноят ва ё қабул гардидани қарор дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан бо асосҳои дар сархати чоруми қисми якуми моддаи 27, моддаҳои 29 ва 32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида фаъолияти адвокат қатъ мегардад.

Мувофиқи қисми ҳафтуми моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» корманди роҳбарикунанда, ки бинобар

татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбат ба ташкилоти қарзӣ аз вазифа озод шудааст, ҳуқуқи ишғоли минбаъдаи вазифаи корманди роҳбарикунандаи ташкилоти қарзиро надорад.

Ҳамчунин масъалаҳои мазкур дар таҷрибаи дигар кишварҳои ИДМ ва хориҷи дур мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Мувофиқи моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи хизмати давлатии Ҷумҳурии Қазоқистон» шаҳрванд дар ҳолатҳои зерин ба хизмати давлатӣ қабул карда намешавад:

«6) дар муҳлати се сол қабл аз дохил шудан ба хизмати давлатӣ барои содир намудани кирдори интизомӣ, ки хизмати давлатиро бадном мекунад, ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шуда бошад, ҳамчунин дар ҳолати бо чунин асос аз хизмати давлатӣ озод карда шуда бошад, дигар ба хизмати давлатӣ қабул карда намешавад;

8) ҷинояти коррупсионӣ содир карда бошад;

9) дар муҳлати се сол пеш аз дохил шудан ба хизмати давлатӣ барои содир кардани кирдори ҷиноятӣ ё ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ва миёнаи вазнин нисбати ӯ ҳукми айборкунии суд ё барои содир кардани кирдори ҷиноятӣ ё ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ва миёнаи вазнин дар асоси бандҳои 3, 4, 9, 10 ва 12 қисми якуми моддаи 35 ё моддаи 36 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуда бошад;

10) доғи судӣ дошта бошад, ки дар вақти дохил шудан ба хизмати давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун барҳам нахӯрдааст ё бардошта нашудааст;

11) барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин пеш суд шуда ё аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар асоси бандҳои 3, 4, 9, 10 ва 12 қисми якуми моддаи 35 ё моддаи 36 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон озод карда шуда бошад;

12) дар ҳайати гурӯҳи ҷиноӣ ҷиноят содир карда бошад;

13) нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ дар бораи ҷиноят дар ҳайати гурӯҳи ҷиноӣ аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ ё судӣ дар асоси бандҳои 3, 4, 9, 10 ва 12 қисми якуми моддаи 35 ё моддаи 36 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон то гузаштани муҳлати ҳадди ниҳоии ҷазо дар намуди маҳрумӣ аз озодӣ, ки моддаҳои дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон пешбинӣ намудааст, қатъ карда шуда бошад;

14) бо асоси манфӣ аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти махсуси давлатӣ ва судӣ, хизмати ҳарбӣ, инчунин дар асоси дигар ҳолатҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Қазоқистон пешбинӣ кардааст, аз мансаб озод шуда бошад;».

Моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Белорус «Дар бораи хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Белорус» чунин ҳолатҳои истиснокунандаи дохил шудан ба хизмати давлатиро пешбинӣ намудааст:

«1.2. аз ҷониби суд маҳрум намудан барои ишғоли мансаби давлатӣ ба муҳлати муайян;

1.10-1. мавҷудияти доғи судӣ;

1.10-2. содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бар хилофи манфиатҳои хизматӣ ё содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бо истифодаи ваколатҳои хизматӣ;».



Аз таҳлили дохилиидоравии зиддикоррупситонӣ бармеояд, ки дар лоиҳа омилҳои коррупсионӣ ҷой надоранд.

Бо назардошти асосҳои дар боло зикргардида лоиҳаи мазкур барои баррасии минбаъда пешниҳод карда мешавад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лоиҳаи

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қарор

Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»
090.020.030

Мувофиқи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон



Лоиҳаи

ҚОНУНИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ»
090.020.030

**Моддаи 1.** Ба моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 «Дар бораи хизмати давлатӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007, №3, мод.166; №6, мод. 429; с.2010, №3, мод.158; с.2011, №6, мод.452; с.2012, №8, мод.834; №12, қ.1, мод.1008; с.2013, №7, мод.542; №12, мод.905; с.2014, №7, қ.2, мод.425; с.2015, №12, қ.1, мод.1106; с.2016, №3, мод.156; с.2017, №1-2, мод.28; мод.29; №5, қ.1, мод.290) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шавад:

-сархати ҳафтум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«-агар ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ҷиноятҳои дараҷаи вазнин ва махсусан вазнин содир карда бошад (сарфи назар аз қатъ гардидани парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои ғайрисафедкунанда, озод кардан аз адои минбаъдаи ҷазо, қабул ва татбиқи санади авф, бардошта шудан ё барҳам хӯрдани доғи судӣ, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки аз тарафи суд сафед карда шудаанд);

-сархатҳои ҳаштум ва нуҳум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«-дар муҳлати се сол пеш аз дохил шудан ба хизмати давлатӣ ё дар муҳлати доштани доғи судӣ барои содир кардани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёнаи вазнин (сарфи назар аз рад шудани огози парвандаи ҷиноятӣ ё қатъ гардидани парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои ғайрисафедкунанда, озод кардан аз муҳлати адонагардидаи ҷазо, қабул ва татбиқи санади авф, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки аз тарафи суд сафед карда шудаанд);

-дар муҳлати се сол қабл аз дохил шудан ба хизмати давлатӣ барои содир намудани кирдори интизомӣ аз мансаб озод карда шуда бошад;».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Проект

Правительство Республики Таджикистан

Постановления

О проекте Закона Республики Таджикистан
«О внесении изменений и дополнений в Закон
Республики Таджикистан «О государственной службе»
090.020.030

В соответствии со статьей 58 Конституции Республики Таджикистан Правительство Республики Таджикистан постановляет:

Одобрить проект Закона Республики Таджикистан «О внесении изменений и дополнений в Закон Республики Таджикистан «О государственной службе» и представить на рассмотрение Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан



Проект

# ЗАКОН
# РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## О ВНЕСЕНИИ ИЗМЕНЕНИЙ И ДОПОЛНЕНИЙ В ЗАКОН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН «О ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЕ»
090.20.030

**Статья 1.** Внести в статью 16 Закона Республики Таджикистан от 5 марта 2007 года «О государственной службе» (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2007г., №3, ст.166; №6, ст.429; 2010г., №3, ст.158; 2011г., №6, ст.452; 2012г., №8, ст.834; №12, ч.1, ст.1008; 2013г., №7, ст.542; №12, ст. 905; 2014г., №7, ч.2, ст.425; 2015г., №12, ч.1, ст.1106; 2016г., №3, ст.156; 2017 г., №1-2, ст.28; ст. 29; №5, ч.1, ст.290) следующие изменения и дополнения:

-абзац седьмой изложить в следующей редакции:

«-если совершил коррупционное преступление, тяжкое или особо тяжкое преступление (независимо от прекращения уголовного дела по не реабилитирующим основаниям, освобождения от неотбытый срок наказания, принятия и применения акта амнистии, снятия или погашения судимости, за исключением случаев, признанием судом оправданным);

-дополнить абзацы восьмой и девятой следующего содержания:

«-в течение трех лет перед поступлением на государственную службу или наличие судимости за совершение преступлений небольшой тяжести и средней тяжести (независимо от отказа о возбуждении уголовного дела, прекращения уголовного дела по не реабилитирующим основаниям, принятие и применение акта амнистии, за исключением случаев, признанием судом оправданным);

-в течение трех лет перед поступлением на государственную службу за совершение дисциплинарной проступки был освобожден от занимаемой должности;».

**Статья 2.** Настоящий Закон ввести в действие после его официального опубликования.

Президент
Республики Таджикистан